# Мизи мудаввар перомуни “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” дар ДДОТ **[1]**

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 27 Декабр, 2021 - 16:31



[2]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар толори факултети мазкур бо иштироки олимону донишмандон ва унвонҷӯёну донишҷӯёни донишгоҳ роҷеъ ба “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 21, №268) мизи мудаввар баргузор намуд. Дар ин чорабинӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳот профессор О.Муҳаммадҷонзода ва муовини раиси Кумитаи мазкур профессор С.Раҳматуллозода иштирок ва суханронӣ карданд. Аз ҷумла, раиси Кумита профессор О.Муҳаммадҷонзода роҷеъ ба масъалаҳои сиёсати забон, дастуру супоришҳо ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан намуда, доир ба муҳтавои “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” шарҳ дод. Ӯ зикр намуд, ки “Қоидаҳо”-и нав дар асоси баҳсу мунозираҳои беш аз дусолаи донишмандон ва мутахассисони соҳа бо ҷалби андешаҳои шахсони гуногуни ҷомеа, ки ба Кумитаи забон ва истилоҳот ба таври хаттӣ пешниҳод шуда буданд, таҳия шудааст. Ин “Қоидаҳо” дар ростои танзими алифбо, навишти тартиби садонок ва ҳамсадоҳо, мавқеи калимаҳои иқтибосӣ, истифодаи артиклҳои дигар забонҳо дар расмулхати тоҷикӣ, масъалаи имлои ташдиди овозҳо, банду баст ва навишти овозҳое, ки дар вожаҳои иқтибосӣ ба кор бурда мешаванд, имлои ҳиссаҳои нутқ аз имлоҳои пешин фарқ дорад ва навишти моро пурра танзим менамояд.
Муовини раиси кумитаи забон С.Раҳматуллозода низ доир ба муҳтавои “Қоидаҳо” суҳбат карда, илова намуд, ки яке хусусиятҳои муҳими ин санади давлатӣ аз он иборат аст, ки ба вай аломатҳои китобат ҳамроҳ шудаанд. Омӯзиш ва истифодаи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” барои истифодаи дурусти он мусоидат мекунад.
Ҳамчунин, дар мизи мудаввар С.Матробиён вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ф., дотсент Н.Гадоев, н.и.ф. А.Мирбобоев ва мудири кафедраи забони тоҷикӣ, дотсент И.Сулаймонов низ суханронӣ карда, перомуни “Қоидаҳо”-и мазкур ва масоили марбут ба он андешаҳояшонро иброз доштанд.
Дар охир баҳсу мунозира доир гашта, ба саволҳои ҳозирин раиси Кумитаи забон ва истилоҳот профессор О. Муҳаммадҷонов посух доданд.

## Баҳодиҳии муҳтаво:

Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [3]



[4]

-

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона



[5]



[6]



[7]



[8]

- 



[9]

- 





Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона



**Манбаъ::** http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-peromuni-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-va-alomatkhoi-kitobati-zaboni-tochiki

**Пайвандҳо**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-peromuni-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-va-alomatkhoi-kitobati-zaboni-tochiki
[2] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/77.JPG
[3] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7
[4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_7.jpg
[5] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_8.jpg
[6] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4_6.jpg
[7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5_5.jpg
[8] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/6_2.jpg
[9] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7_3.jpg

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона